آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

1 июни соли 2024 Шанбе № 43 (15054)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР БУХОРО НАФАҚАТ САЙЁҲӢ, БАЛКИ САНОАТ НИЗ БА СОҲАИ АСОСӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

Президент Шавкат Мирзиёев 31 май аз вилояти Бухоро барои шинос гардидан бо лоиҳаҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт татбиқшаванда, роҳандозии объектҳои калони сохтмон ва ҳамчунин мулоқот бо бошандагони маҳаллаҳо боздид ба амал оварад.

Сафар бо анҷоми кори нек – зиёрати мақбараи Баҳоуддини Нақшбанд оғоз ёфт. Оятҳо аз Қуръон қироат гардида, манбаъҳо оварда, таҳқиқотҳои илмиро дастгирӣ карда, осорхонаро ба мисли мачмааи Имом Бухорӣ ғанӣ гардонд.

Ҳамчунин оид ба васеъ гардондани қулайиҳо барои зоирон, аз ҷумла сайёҳони хориҷӣ, фароҳам овардани шароит барои истиқомати бароҳат дар ҳар фасли сол дастур дода шуд.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки бо назардошти пешниҳодҳои олимон қарореро омода кунанд, ки ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Дар арафаи сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Бухоро дар минтақаи озоди иқтисодии «Қарокӯл» корхонаи «Enpipe» ба истифода супурда шуд.

Лоиҳаи арзиши умумиаш 58 миллион доллар пурра аз ҳисоби сармояи хориҷӣ амалӣ гардид. Аз Чин, Туркия, Нидерландия ва Испания таҷҳизоти замонавӣ оварда насб карда шуд, ки имкони ба роҳ мондани истеҳсоли иқтидори 300 ҳазор тонна қубурҳои металлиро дар як сол фароҳам овард.

Ин қубурҳо, ки бо усули дарзҳои рост истеҳсол карда мешаванд, ба фишори баланд ва таъсири беруна тобовар мебошанд. Қаблан ин гуна маҳсулот асосан аз хориҷ оварда мешуд. Аз сабаби ҷойи зиёдро ишғол намудани ҳаҷми қубурҳо нарх ҳам қимат мешуд.

Ба ҷойи ин ҳоло листҳои металлии ғафсиашон гуногун оварда мешаванд, ки аз онҳо завод қубур омода менамояд. Ба туфайли ин арзиши аслии онҳо 25 фоиз коҳиш ёфт.

Дар саноати газу кимиё ва маъдани кӯҳӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳо ба ин гуна қубурҳои мустаҳкам талабот зиёд аст. Аз ҷумла, онҳо дар мачмааи газу кимиёи МТО, ки дар ин ҷо сохта мешавад, мавриди истифода қарор мегиранд. Дар корхона зиёда аз 400 нафар кор мекунанд.

Ба Президент нақшаҳо ва маълумот дар бораи марҳилаҳои минбаъдаи рушди завод пешниҳод карда шуд.

Кор оид ба татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳа оғоз ёфт. Пешбинӣ шудааст, ки истеҳсоли зарфҳои ҳачмашон гуногуни ба фишори баланд тобовар ба роҳ монда шавад. Боз 500 ҷойи нави корӣ таъсис дода хоҳад шуд.

Дар сурати ба иқтидори пурра расидани лоиҳа имконият пайдо мешавад, ки ба маблағи 121 миллион доллар маҳсулот истеҳсол карда шавад. Иқтидори содиротии корхона ба дарачаи назаррас баланд мегардад.

Президент инчунин бо намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ суҳбат кард.

– Мақсад аз сафари имрӯзаи мо ба Бухоро беҳтар намудани зиндагии беш аз 2 миллион нафар сокинон, фароҳам овардани манбаъҳои даромад ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Дар бисёр ҷойҳои вилоят замин аз ҳад зиёд шӯр аст. Аз ин рӯ, мо на ба хоҷагии қишлоқ, балки ба саноат бештар эътибор медиҳем. Барои чӣ мо завод сохтем? Қаблан мо барои содироти ин гуна қубурҳо маблағи зиёд сарф мекардем. Бар замми ин, имрӯз мо ба сохтмони объектҳои нав шурӯъ мекунем. Дар атрофи онҳо дигар корхонаҳо ва ҷойҳои корӣ пайдо мешаванд. Дар ниҳояти кор ба хонадони одамон равшанӣ, боварӣ ва умед меояд. Ин умед моро муттаҳид менамояд, – гуфт Президент.

Дар саноати вилоят минтақаи озоди иқтисодии «Қарокӯл» нақши калон хоҳад бозид. Он дар асоси қарори дахлдори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 13 августи соли 2021 ташкил шудааст. Майдони умумии он 566 гектар буда, аллакай 5 лоиҳаи калон ҷойгир карда шудааст. Баъди анҷом ёфтани ҳамаи марҳилаҳои татбиқи он миқдори умумии ҷойҳои корӣ қариб 3 ҳазорро ташкил хоҳад дод.

Сарвари давлат бо намоишгоҳи саноатӣ ва лоиҳаҳои нави сармоягузории вилояти Бухоро шинос шуд.

Маҳсулоте, ки дар соҳаҳои гуногуни саноат истеҳсол карда мешаванд ва лоиҳаҳои ба нақша гирифташуда дар ҳамоҳангӣ муаррифӣ карда шуданд.

Дегҳои калону хурд барои низоми гармидиҳӣ, ҷузъҳо барои саноати вазнину сабук, яхдонҳои ҳаҷму иқтидораш гуногун, таҷҳизоти баркӣ, мотосикллҳо намоиш дода шуданд. Инчунин низоми батанзимоварии харидҳои давлатӣ низ нишон дода шуданд.

Дар тӯли ҳафт соли охир дар вилоят ба маблағи тақрибан 4 миллиард доллар сармоя ҷалб карда шудааст. Дар натиҷаи ин 90 ҳазор ҷойҳои корӣ созмон дода, имконияти содирот ба маблағи 1 миллиарду 800 миллион доллар фароҳам оварда шуд. Соли ҷорӣ дар вилоят 607 лоиҳа ба маблағи 1 миллиарду 300 миллион доллар татбиқ карда мешавад.

Дар вилояти Бухоро 80 лоиҳаи арзиши умумиашон 14 миллиард доллар ташаккул дода шуд, ки ба онҳо сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ маблағ мегузоранд. Аз онҳо 14 лоиҳа ба маблағи 4 миллиард доллар аз ҷониби сармоягузорон ва роҳбарони соҳа ба Президент муаррифӣ карда шуданд.

Ширкатҳои Чин, Русия, Туркия, Олмон, Арабистони Саудӣ, Ҳиндустон, Малайзия, Куриёи Ҷанубӣ ва дигар ба ин лоиҳаҳо сармоягузорӣ мекунанд. Онҳо соҳаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмон, электротехника, кимё, бофандагӣ, хӯрокворӣ, дорусозӣ, тиб, саноати маъдани кӯҳӣ, моҳипарварӣ ва дигарро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар ҳамкорӣ бо Чин дар ноҳияи Ғиждувон сохтмони неругоҳи барқии бодии иқтидораш 600 мегаватт, азхудкунии кони графит ва ташкили истеҳсоли аккумуляторҳо барои электроскутерҳо дар ноҳияи Пешкӯ бо иштироки сармоягузори малайзиягӣ, инчунин созмон додани кластери кимиёвӣ дар ноҳияи Бухоро бо сармоягузорони эронӣ ба нақша гирифта шудааст.

Татбиқи ин ҳаштод лоиҳа шуғли беш аз 22,2 ҳазор нафарро таъмин хоҳад кард.

Президент оид ба зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот бо арзиши иловагӣ ва маҳаллисозӣ, инчунин рушди хидматрасонӣ супоришоти иловагӣ дод.

Саркори давлат дар ноҳияи Қарокӯл бо намояндагони ҷомеа суҳбат намуд, ки онҳо таъкид намуданд, ки бинобар принсипҳои давлати иҷтимоӣ дар минтақаҳо манфиати одамон таъмин мешавад. Мактаб ва донишкадаҳои замонавӣ бунёд гардида, имконияти тарбия ва таълими бачаҳо васеъ мегардад. Ба ҳифзи саломатии аҳолӣ эътибори доимӣ дода мешавад.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

(Давомаш дар саҳ.2).

БАРНОМАСОЗОНЕ, КИ ЗАБОНИ АНГЛИСИРО МУКАММАЛ МЕДОНАД, ОЯНДА ДОРАНД

Имрӯз суръати рушди соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар саросари ҷаҳон соле аз 9-10 фоиз кам нест. Танҳо дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 4,3 триллион доллар расидааст.

Аз оғози ислоҳоти куллӣ бобати мавқеи мустаҳкам ишғол намудани Ӯзбекистон дар ин бозор даҳ сол нагузаштааст, вале мо дар муддати кӯтоҳи гузашта ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда истодаем.

Аз ҷумла, соли 2017 дар кишвар камтар аз 150 ширкати IT фаъолият дошта бошад, ҳоло теъдоди онҳо ба 2000 расидааст. Ҷойҳои корӣ низ 10 баробар афзуданд. Мо соли 2018-ро дар бахши IT бо ҳаҷми содироти 600 ҳазор доллари ИМА пешвоз гирифтем ва ба назарамон натиҷаи нисбӣ буд, то охири соли 2023 ин рақам аз 300 миллион доллар зиёд шуд.

Қобили зикр аст, ки дар панҷ соли охир Ӯзбекистон дар ин соҳа дар Осиёи Марказӣ пешсафиро аз даст намедиҳад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки барои фаъолияти ҳудуди 1400 нафар сокинони IT-парк, ки локомотиви соҳаи IT дар кишвари мо ба ҳисоб меравад, заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам оварда шуданд.

Дар Стратегияи «Ӯзбекистон-2030» низ муайян шудааст, ки кишвари мо айнан ба маркази технологияҳои иттилоотии Осиёи Марказӣ (IT-HUB) табдил дода шавад, ҳаҷми содироти солонаи хидматрасонии IT-ро ба 5 миллиард доллар расонда, шумораи ваклотхонаҳои ширкатҳои IT дар кишварамон ба 1000 нафар афзун гардонда, 300 000 нафар ҷавонон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ бо кор таъмин карда шаванд.

Инчунин, дар Ӯзбекистон дар доираи лоиҳаи хидматрасонии ITES то 11 маркази минтақавии ITES ба фаъолият оғоз карда, наздики 6200 нафар ҷавонон аз рӯйи барномаҳои асосии рушди малакаҳои касбӣ, аз ҷумла муошират, саводнокии компютерӣ ва забонҳои хориҷӣ таълим мегиранд.

Ба шарофати ҷунин имкониятҳои нав дар соли 2024 ҳаҷми хидматрасонии IT ду баробар ва содироти он ба 800 миллион доллари ИМА расонида мешавад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба мо кадрҳое лозиманд, ки забонҳои хориҷӣ ва IT-ро хуб медонанд.

Айни замон зиёда аз 20 000 нафар ҷавонон мустақилона бо IT машғуланд. Дастгирии ҷавонони лаёқатманд дар соҳаи IT, пеш аз ҳама, аз рағбатноксозии таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони барномасозӣ дар байни онҳо оғоз мешавад. Зеро, забони англисиро мукаммал надониста, маҳсулоти нармафзори рақобатпазир эҷод кардан ғайриимкон аст.

Ин аст, ки аз ҷониби давлат як қатор механизмҳои ҳавасмандгардонӣ таъсис дода шудаанд.

Якум, дар Ӯзбекистон ба ташкилотҳои омӯзишии самти IT иҷозат дода шуд, ки забони англисии ба ихтисоси технологияҳои иттилоотӣ пешбинишударо омӯзонанд.

Дуюм, қарор дода шуд, ки озмуни президентӣ барои муайян кардани истеъдодҳои ҷавон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баргузор карда, ба фонди ҷоиза 1 миллион доллар ҷудо карда шавад. Дар барномаҳои миллии таълимӣ муайян шудааст, ки ҳар як хонанда ва донишҷӯ дар мактабу литсейҳо, коллеҷҳо, техникум ва донишгоҳҳо бояд дониши IT ва забонҳои хориҷиро аз худ намояд.

Сеюм, Сарвари давлатамон дар соли 2024 вазифа гузошт, ки ҳудуди 8 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдод хоста гирифта, дар асоси барномаи ба талаботи ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ мувофиқ омода карда шаванд.

Қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба дастгирии фаъолияти омодакунии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи рақамисозӣ», ки моҳи феврали соли 2024 ба имзо расид, дар ин бобат асоси навбатии ҳуқуқӣ гардид.

Тибқи ин ҳуҷҷат, аз 1 марти соли 2024 то 60 фоизи хароҷоти омӯзиш ва гирифтани ин шаҳодатномаҳо барои ҷавонони дорои шаҳодатномаҳои байналмилалии IT пӯшонда шавад, хароҷоти гирифтани шаҳодатномаҳои технологияҳои иттилоотии ҷавононе, ки аз забони англисӣ шаҳодатномаҳои дараҷаи B2 ва аз он баландро соҳибанд, пурра пардохт карда мешавад. Ҳамзамон лоиҳаи «Дар ҳар маҳалла камаш ду барномасоз» роҳандозӣ шуд. Ба 30 000 нафар ҷавонон забони англисиро омӯзонда, барои он ки аз IELTS камаш 7 балл, забони немисӣ ва дигар шаҳодатномаи B2 гиранд, шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар байни ҷавононе, ки дар минтақаҳо мустақилона ба IT машғуланд, онҳое кам нестанд, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, тавассути платформаҳои байналмилалии онлайн маҳсулоти худро ба хориҷи кишвар мефурӯшанд. Масалан, як барномасози ҷавони фарғонагӣ барномаеро офарид, ки алифбои брайлро тарҷума мекунад ва тавонист онро ба харидорон дар Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ ба маблағи 150 ҳазор доллар фурӯшад.

Умуман, барои шахсе, ки забони англисиро намедонад, фаҳмидани барномасозӣ ва омӯхтани барномасозӣ хеле душвор аст. Зеро захираҳои омӯзиши IT бештар бо забони англисӣ омода шудаанд. Аз ин рӯ, барномасозе, ки ҳадафҳои баланд дорад, бояд забони англисиро омӯзад ва донад.

Умид ҶАББОРОВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

Тӯли се сол аст, ки дар мамлакатамон миёни ҷавонони аз 16 то 30-сола озмун, ҷашнвора ва мусобиқаҳои варзишӣ дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» баргузор мешаванд, ки аз маҳалла то марҳилаи ҷумҳуриявӣ идома меёбад. Ҳар як мусобиқаи варзишӣ аз ҷавононии маҳалла маҳорат ва машаққати зиёдро барои баланд бардоштани номи маҳалла, ноҳия ва вилояти худ талаб менамояд.

МАЙДОНЧАИ ВАРЗИШӢ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

Мусобиқаҳои футбол ва мини-футбол, ки барои ҷоми раиси хидмати амнияти давлатӣ баргузор мешаванд, барои ҷавонони бӯкагӣ бегона нест. Соли 2022-юм дар мусобиқаи футбол ҷамоаи «Дӯстлик»-и ноҳияи Бӯка ҷойи якумро ба даст оварда бошад, дар мавсими соли 2023 дастаи «Янги ҳаёт»-и ноҳия дар мини-футбол ҷойи дуюмро ба даст овард.

Ба наздикӣ дар ҳудуди маҳаллаи «Янги ҳаёт» иншооти замонавии варзишӣ сохта ба истифода супурда шуд. Дар маросими кушодашавии иншоот ҳокими ноҳияи Бӯка Б. Бегматов, прокурори ноҳия Б. Юлдашев, роҳбари инспексияи давлатии андоз Ш. Ҳазратов, ходимони хидмати амнияти давлатии ноҳия ва вилояти Тошканд, роҳбари садорати Агентии кор бо ҷавононии вилоят М. Мирсултонов, роҳбари Садорати варзишии вилояти Тошканд Р. Бобоқулов, варзишгарон ва вакилони маҳалла иштирок карданд. Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия таъкид намуд, ки воқеан футболбозони маҳаллаи Янги ҳаёт соли гузашта дар сурати ба даст овардани унвони чемпионӣ, соҳиби чунин иншооти замонавии варзишӣ гардиданд ва номи худро миёни ҷавонони маҳалла сабт карданд. Чунин мусобиқаҳо ҳоло ҳам дар ноҳия давом дорад ва боварӣ дорем, ки дар соли ҷорӣ маҳаллаҳои дигари ноҳия низ дар ҷумҳурӣ пирӯз мешаванд.

М. МИРМАҲМАДОВ.

Вилояти ТОШКАНД.

ДАР БУХОРО НАФАҚАТ САЙЁҲӢ, БАЛКИ САНОАТ НИЗ БА СОҲАИ АСОСӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

(Аввалаш дар сах.1).

Ба туфайли барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ноҳияҳо саноат ворид мегардад, маҳаллаҳо обод мешаванд. Имконоти васеъ барои соҳибкорӣ ва худкорӣ фароҳам меояд.

Дар асоси таҷрибаи ташкили маҷмааи иқтисодии Сайҳунобод бо оилаҳои камтаъмин корҳои дақиқ бурда шуда, ба онҳо барои ба вуҷуд овардани манбаи даромад кумак карда мешавад. Заминҳои наздиҳавлӣ босамар истифода мегарданд.

Таъкид гардид, ки ҳамаи ин ба фаровонӣ ва бароҳатии ҳаёт мусоидат намуда, инчунин суботнокии вазъияти иҷтимоиро мустаҳкам мегардонад. Куҳансолон ба роҳбари давлат миннатдорӣ намуда, аҳамияти корхонаҳои бароҳандозанда ва сохташавандаро барои бо кор фаро гирифтани аҳолӣ дар вилояти Бухоро таъкид намуданд.

Сафарҳои роҳбари давлат ба минтақаҳо аз рӯйи анъана бо огози лоиҳаҳои бузург ба ҳам меояд. Ҳамин тариқ дар вилояти Бухоро сохтмони маҷмааҳои бузурги энергетикӣ ва нақлиётӣ сар шуд.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми саноати азнавкоркард дар мамлакатамон 1,4 маротиба афзуда, танҳо соли гузашта он 553 триллион сӯмро ташкил намуд. Дар Бухоро ин нишондод 1,6 маротиба афзуда, ба 30 триллион сӯм расид.

Дар вилоят кор бобати 41 лоиҳа ба миқдори 7 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ва 39 лоиҳа аз ҳисоби сармояи маҳаллӣ ба ҳамин миқдор ба пеш бурда мешавад.

Сохтмони боз 3 объекти бузург – маҷмааи газу кимиё, неругоҳи офтобӣ ва аэропорти байналхалқӣ дар Бухоро ба нақша гирифта шудааст.

Дар маросими шурӯи кор Президент Шавкат Мирзиёев аҳамияти ин лоиҳаҳоро таъкид кард.

Маҷмааи газу кимиё, ки дар минтақаи озоди иқтисодии «Қарокӯл» сохта мешавад, дар мамлакатамон нахустин корхонае мегардад, ки бо технологияи «метанол дар олефин» (МТО) кор мекунад.

Дар доираи лоиҳа қариб 5 миллиард доллар сармоя ва технологияи пешқадам аз ИМА, Олмон, Дания, Австрия, Италия ва Чин ҷалб хоҳад гардид. Маҷмаа 1,3 миллиард метри мукааб гази табиӣ ва 430 ҳазор тонна нафт соле бо истеҳсоли 1,1 миллион тонна маҳсулоти полимер, ки чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори ҷаҳонӣ серхаридор аст, аз нав кор мекунад. Бинобар ҳисобу китоб, арзиши изофаи ин маҳсулот арзиши газро 5 маротиба баланд мебарад.

Дар корхонаи нав 2 ҳазор нафар бо кор банд мегардад. Ғайр аз ин, ба ташкил намудани даҳҳо корхонаҳои ҳамҷавори сохтмон, бофандагӣ, чарму пойафзол, автомобил, электротехника ва ғайра такони нав бахшида, боиси ба вуҷуд омадани боз 4 ҳазор ҷойи кор мегардад.

Ба кор андохтани ин лоиҳаҳо Бухороро ба «таҳрикдиҳандаи» натанҳо соҳаи сайёҳӣ, балки саноатӣ низ табдил медиҳад.

Рушди босуботи иқтисодиёт эҳтиёҷро ба электроэнергия ба ҳисоби миёна соле 6 фоиз зиёд мекунад. Аз ин рӯ, дар минтақаҳо иқтидорҳои нави тавлиди энергия ба вуҷуд оварда мешавад.

Солҳои охир ба шабака 10 ҳазор неругоҳи офтобӣ ва бодӣ бо иқтидори 2 гигаватт ба миқдори 2 миллиард доллари сармояи хориҷӣ пайваст гаштааст. Ҳоли ҳозир якҷоя бо шарикони хориҷӣ 32 объекти тавлиди энергияи «сабз» ба иқтидори умумии 18,3 гигаватт дар ҳаҷми 19 миллиард доллар сохта мешавад.

Имсол ба шабака нахустин 2,6 гигаватт аз 14 неругоҳи офтобӣ ва бодӣ пайваст мегардад. Дар натиҷа саҳми энергияи барқароргарданда дар ҳаҷми умумии истеҳсоли электроэнергия дар мамлакатамон аз 9 то 15 фоиз зиёд мегардад. Умуман, то соли 2030 ба нақша гирифта шудааст, ки ин нишондод то 40 фоиз бирасад.

Дар ин, ҷойгоҳи Бухорои офтобӣ махсус мебошад. Ҳоли ҳозир дар вилоят 9 лоиҳаи бузург ба иқтидори 4 гигаватт ба ҳаҷми қариб 4,5 миллиард доллари сармояи хориҷӣ ба амал татбиқ мегардад.

Акнун ба онҳо неругоҳи офтобии иқтидораш 250 мегаватт илова мегардад, ки онро ширкати «Masdar»-и Аморати Муттаҳидаи Араб бунёд менамоянд. Барои ин лоиҳа дар ноҳияи Олот 648 гектар замин ҷудо карда шудааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки он ба шабакаи умумии энергетикӣ моҳи декабри соли 2025 пайваст карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар вилояти Бухоро маҷмааҳои энергияи барқароргардандаи ширкатҳои «ACWA Power»-и Арабистони Саудӣ ва «Gezhouba»-и Чин бунёд мегардад. То соли 2030 иқтидорҳои вилоят 9 маротиба – соле то 12,5 миллиард киловатт-соат энергияи «сабз» зиёд мегардад.

Боз як лоиҳаи оғозгардида – аэропорти нави байналхалқӣ

Ба туфайли сиёсати шаффофи саркори давлатамон алоқа бо ҷаҳон мустаҳкам мегардад. Дар Ӯзбекистон барои шаҳрвандони беш аз 90 мамлакат воридшавии бидуни виза ҷорӣ гаштааст.

Дар натиҷа мавҷи боздидкунандагони хориҷӣ зиёд гардид. Дар ду соли охир саҳми сайёҳӣ дар содироти хидматрасонӣ ба 40 фоиз расид. 283 меҳмонхона, 486 хостел, 1,2 ҳазор меҳмонхонаҳои оилавӣ сохта шуданд, мавҷи сайёҳӣ 35 фоиз афзуд.

Ҳамин тариқ, соли 2023 ба Бухоро қариб 1,4 миллион сайёҳи хориҷӣ омад.

Чунин омилҳо тақозо менамоянд, ки теъдоди парвозҳо дар аэропорти байналхалқии вилоят зиёд гардад. Аз ин рӯ, бо шарти шарикии хусусӣ сохтмони аэропорти нави байналхалқӣ дар ноҳияи Бухоро ба нақша гирифта мешавад.

Дар доираи ин лоиҳаи 226 миллион долларӣ инфрасохтори аэропорт ба вуҷуд оварда мешавад, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад. Шароити хидмат соате ба 1,2 ҳазор мусофир пешбинӣ мегардад. Аз ҳисоби баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ ба мусофирон ва киштиҳои ҳавоӣ ширкатҳои нави ҳавопаймоии байналхалқӣ ҷалб мегарданд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо пахш кардани тугмаи рамзӣ ба сохтмони ин маҷмаа оғоз бахшид.

Дар ин ҷо тақдимоти лоиҳаҳое, ки сохтмонашон дар вилояти Бухоро ба нақша гирифта шудааст, аз он ҷумла аэропорти нав, баргузор гардид.

Саркори давлат аз мавзеи «Ӯзбекистони Нав» дар ноҳияи Қарокӯл боздид намуд.

Пештар дар ин ноҳия чунин сохтмони доманадор вуҷуд надошт. Пас аз он ки бинобар қарори роҳбари давлат аз 13 августи соли 2021 минтақаи озоди иқтисодии «Қарокӯл» ба вуҷуд оварда шуд, саноат зуд рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар корхонаҳои ин ҷо дар оянда ҳазорон одамон, аз он ҷумла мутахассисони дигар минтақаҳои мамлакат, бо кор таъмин мегарданд. Барои роҳати онҳо ва фароҳам овардани шароити муносиби ҳаёт барои хонаводаҳояшон дар наздикии минтақаи иқтисодӣ мавзеи нави иқоматӣ бунёд мегардад.

Лоиҳа аз ду марҳала иборат гардида, сохтмони 71 иморати бисёрошёнаи соҳиби 1380 квартира, муассисаҳои таълимиву тиббӣ, маркази маҳалла ва объектҳои хидматрасониро фаро мегирад.

Ҳоло дар марҳалаи аввал 12 иморати бисёрошёна, мактаб, кӯдакистон ва поликлиника ба баҳрабардорӣ супурда шуд.

Дар ҳамин ҷо роҳбари давлат бо вакилони маҳалла суҳбат орост.

– Дар маҳаллае, ки «ҳафтгона» чун як ҷамоа фикр ва амал мекунад, на бекор ва на ҷиноят вуҷуд дошта метавонад. Барои ин он соҳиби ваколати кофӣ мебошад. Ташкилотҳои масъул бояд ҷалб гарданд ва ба одамон барои музди кор пайдо намудан кумак кунанд. Аз сифати таълим дар мактабҳо огоҳ будан ва хатмкунандагонро барои гирифтани маълумоти олӣ ва соҳиби касби зарурӣ раҳнамоӣ кардан муҳим аст, – гуфт Президент.

Дар бобати ободонии ҳудуд ва қитъаҳои шафати роҳ супоришҳо дода шуд. Дар оянда дар ҳудуди мавзеъ боғ ва ҳавзҳо ташкил карда мешаванд. Дар қитъаҳои озод ниҳолҳо шинонда шуда, ба хиёбонҳо табдил дода мешаванд.

Президент Шавкат Мирзиёев роҳи автомобилро, ки бинобар лоиҳаи нав дар ноҳияи Қарокӯл таъмир гаштааст, аз назар гузаронд.

Дар вилояти Бухоро 15 ҳазору 400 километр роҳи автомобилгард вуҷуд дорад, ки аз он 486 километраш молики аҳамияти байналхалқӣ мебошад. Бо онҳо ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 45-50 ҳазор воситаи нақлиёт ҳаракат мекунад.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки 29 январи соли ҷорӣ ба вуқӯъ пайваста буд, роҳбари давлат ба ин соҳа эътибори алоҳида нигаронд ва доир ба сохтмони сифатноки роҳ ва рушди хидматрасонии шафати роҳҳо супоришҳо дод. Кор дар ин самт дар тамоми минтақаҳо шурӯъ гардидааст. Аз он ҷумла, қисме аз роҳи автомобилгарди «Самарқанд – Бухоро – Туркманбошӣ», ки аз тариқи ноҳияи Қарокӯл мегузарад, ба намуди намунавӣ оварда шудааст.

Бинобар лоиҳа, роҳи чортасмагӣ бо навъи нави асфалт пӯшонда шудааст. Ба туфайли истифодаи маводи инноватсионии мустаҳкам, хусусияти сифатноки роҳҳо беҳтар карда шудааст.

Барои мисол, агар роҳи асфалтпӯш дар асоси технологияи анъанавӣ тақрибан дар ҳар 15 сол таъмир гардад, роҳҳои лоиҳаи нав то 20 сол хидмат менамояд. Фосилаи байни таъмири ҷорӣ инчунин зиёд мегардад. Боз як бартарият имконоти азнавкоркард ва тачдиди қабатҳои роҳ бевосита дар ҷояш ҳангоми таъмир мебошад.

Роҳбари давлат ногузирии вусъат додани лоиҳаро таъкид кард.

– Вазифаи асосӣ таъмини сифат ва маданият дар роҳ мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар лоиҳаи нав ба ин масъала эътибори алоҳида нигаронда шудааст. Барои нигоҳ доштани сифати роҳ тарозуҳои сайёр барои дар ҳар чанд масофа чен намудани вазни воситаи нақлиётеро, ки борҳои аз ҳад зиёд вазнинро мебаранд, устувор насб мешаванд.

Инчунин дар ин ҷо роҳи пахлу сохта шудааст. Аломатҳои нав, таблоҳои электронӣ гузошта шуда, панелҳои офтобӣ равшанӣ мебахшанд. Дар шафати роҳ ниҳолҳои манзаравӣ шинонда шудааст.

Президент таъкид кард, ки ниҳолшинонӣ дар як вақт бо сохтмони роҳ ба амал оварда шавад.

Дар ин ҷо лоиҳаҳо дар соҳаи нақлиёт ва сохтмон намоиш дода шуданд. Дар вилояти Бухоро дар ин самт нақшаҳои калон вуҷуд доранд.

Агар пештар ба ҳисоби миёна соле 250-300 километр роҳ хобонда шавад, ҳоло танҳо соли 2023 1255 километр роҳ таъмир карда шудааст. Имсол таъмир ва тачдиди 1316 километр роҳҳои минтақаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар идомаи ин кор лоиҳаи тачдиди 155 километр роҳ аз ноҳияи Ғиждувон то сарҳади Туркманистон тасдиқ гардид.

Ногузирии ташкили тарбияи кадрҳо дар соҳаи сохтмони роҳ ва такмили малакаи мутахассисон дар мамлакатҳои мутараққӣ таъкид шуд.

Инчунин консепсияи рушди шаҳри Бухоро баррасӣ гардид, ки дар он сохтмони мавзеъ ва боғи «Ӯзбекистони Нав» ба нақша гирифта мешавад. Дар боғ таърихи Бухоро бо истифода аз василаҳои замонавӣ инъикос мегардад. Доир ба таҳияи ғояи мундариҷа ва асосҳои лоиҳаи техникиву иқтисодӣ супоришҳо дода шуд.

Сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Бухоро идома дорад.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Икром АВВАЛБОЕВ,
Зариф КОМИЛОВ,
хабарнигорони ӮзА.

1 июн – Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон

«ҚАДАМИ САБЗ БА ОЯНДА»

Дар Намангон бо ҳамкории Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Вазорати варзиш, Агентии таълими томактабӣ ва Федератсияи велоспорти Ӯзбекистон ҷашнвораи варзишии кӯдакона баргузор гардид.



1 июн дар арафаи Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар варзишгоҳи «Марказӣ»-и ноҳияи Давлатобод таҳти шиори «Қадами сабз ба оянда» панҷумин марафони велосипедронӣ баргузор гардид, ки ҳадафаш оммавӣ гардондани велосипедронӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим байни кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Дар он зиёда аз 100 нафар тарбиятгирандагони 28 ташкилотҳои давлатии таълими томактабии 6-7-сола ширкат варзиданд.

Дар чорабинӣ муовини аввали вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ, директори Агентии таълими томактабӣ Агреппина Шин, мутобиқгари лоиҳаи САҲА дар Ӯзбекистон Антти Картгунен, муовини вазири варзиш Шаҳрилло Маҳмудов, муовини ҳокими вилояти Намангон Ботир Нуриддинов нутқ эрод намуда, таъкид намуданд, ки яке аз усулҳои самарабахши ҳифзи тозагии табиат дар кӯдакон ташаккул додани маҳорати ба навъҳо ҷудо кардани партовҳо, оммавигардонии нақлиёти «сабз» мебошад.

Дар низоми таълими томактабӣ тақрибан се сол аст, ки лоиҳаи тарбияи экологӣ ва усулҳои рондани дучархаҳои мувозинат амал мекунад ва дар ин замина имкони такмили дониши кӯдакони синни томактабӣ оид ба тарбияи экологӣ ва техникаи бехатарии ронандагӣ беҳтар мегардад. Ба гуфти коршиносон бартарии дучархаи мувозинат дар он аст, ки кӯдак нисбат ба велосипеди муқаррарии педалӣ дар он мувозинатро нигоҳ медорад. Вай идора кардани бадан ва ҳамоҳангсозии ҳаракатро бо суръат меомӯзад.

Марҳилаи навбатии панҷуми марафони бузурги велоспорт, ки тобистони соли 2021 оғоз шуда буд, барои кӯдакон иди ҳақиқии варзиш ва дӯстӣ гардид. Сурудҳо, рақсҳо, табрикномаҳо, баромади велосипедронони касбӣ, инчунин ба ҳаво сар додани пуфакҳо ҳамчун рамзи сулҳу покӣ ба онҳо таассуроти фаромӯшнопазир бахшид. Иштирокчиёни хурдсоле, ки ба масофаи 100 метр давида буданд, бо медалу туҳфаҳои хотирмон сарфароз гардонда шуданд. Қариб 30 боғчаҳои бачагонаи Намангон, ки дар марафон ширкат варзид, ҳамчун туҳфа 500 беговел гирифтанд.

– Чунин чорабиниҳо дар тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, аз ҳурдӣ ба варзиш ҷалб намудани фарзандони мо аҳамияти калон дорад, – мегӯяд мураббии муассисаи таълими томактабии №3-и шаҳри Намангон Маҳбуба Раҳимова. – Маҳз барои ҳамин ба марафон чор нафар тарбиягирандагони гурӯҳи тайёрии худро овардам. Онҳо вақтро хуш гузаронданд.

Сарфароз гардондани бачаҳо дар анҷоми чорабинӣ натанҳо худи кӯдакон, балки волидони онҳоро шод гардонд. Ба ҳамаи иштирокчиёни марафони велосипедронӣ аз ҷониби созмондиҳандагони мусобиқа ва маъмурияти вилояти Намангон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Оқилхон ДАДАБОЕВ,
мухбири ӮзА.

Дар шаҳри Самарқанд бо ҳамкории ширкати «Shanghai SVS Environment Co. Ltd»-и Хитой корхонаи муштарак ташкил гардид. Он ба коркарди партов ихтисосонида шудааст.

КОРХОНАИ МУШТАРАК ТАШКИЛ ГАРДИД

Ҷонишини ҳокими вилоят Акмал Шукуров ва сардиректори ширкат Сзичен Лонг ҳангоми мулоқот роҷеъ ба амалӣ намудани ин лоиҳа нақшаи чорабиниҳоро муайян карданд.

Корхона ҳар рӯз ҳазор тонна партовро коркард намуда, тавассути сӯхтани он истеҳсоли 20 мегаватт қуввати барқ пешбинӣ намудааст. Инчунин, дар корхонаи нав 70 ҷои корӣ ташкил карда мешавад. «Shanghai SVS Environment Co.Ltd» ширкати сершоҳаи ҷаҳонӣ буда, фаъолияти он бо сармоягузорӣ, лоиҳаи истеҳсоли қуввати энергия аз партов, истифода ва такмили технологии онҳо, сохтмони паркҳои экосаноатӣ вобаста аст.

Ширкат дар соли 2023 дар тамоми дунё ба 78 WTE-лоиҳа сармоя гузоштааст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти
Самарқанд.

ДАР АСОСИ СУБСИД ДАСТГОҲҲОИ ДАРЗДӮЗӢ БА БОНУВОН

Масъалаи бошуғлфарогирии аҳолӣ, ба ҳудудҳои аз бекорӣ холӣ табдил додани маҳаллаҳо, хусусан барои занону духтарон фароҳам овардани манбаи даромад аз ҳарвақта дида зиёдтар азму кӯшиш намуданро талаб мекунад.

Моҳи гузашта дар натиҷаи «хонадонбайъ» омӯхтани ҳудудҳо маълум гардид, ки дар микёси вилоят 54 ҳазору 731 нафар занону духтарон ниятӣ бо кор таъминшавӣ доранд. Бобати бо шуғл фарогирӣ, омодасозии онҳо ба касбҳое, ки дар бозори меҳнат талаб зиёд аст, ҷудо кардани кредит барои соҳибкории оилавӣ чораю тадбирҳои амалӣ дида мешаванд. Дар вилоят аз ҳисоби татбиқи 117-то микролоиҳа ҳосил гардидани қариб 400-то ҷои нави корӣ, бо кор таъминшавии 800 нафар занон ва духтарони аз муҳоҷират баргашта аз ҷумлаи онҳост. Бо вуҷуди ин натиҷаҳо қаноатбахш нестанд.

Ба қарибӣ роҳбарони сохторҳои шаҳри Бухоро ба кори хайр рӯ оварданд. Ба 53 нафар занон ва духтароне, ки мансуби оилаҳои камдаромаданд ва аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд, нияти бо соҳибкорӣ машғулшавӣ доранд, инчунин шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» мебошанд, бо мақсади даромад ҳосил намудани ҷойҳои нави корӣ дар асоси субсиди дастгоҳҳои дарздӯзӣ дода шуд. Хушбахтона, дар шаҳр оилаҳое ҳастанд, ки бо ин роҳ комёб гаштаанд. Яке аз онҳо Дилдора Атоева аст. Вай ду сол муқаддам ба туфайли «Дафтари бонувон» соҳиби кредити имтиёзнок гашта, фаъолияти соҳибкориашро ба роҳ монд. Даромади дилхоҳ ёфта, соҳиби коргоҳи худ – «Dildor atelye» гардид. Ҳоло дар ин ҷо 5 нафар занону духтарон бо усули «устод-шогирд» аскорори дӯзандагӣ меомӯзанд. Дилдора мехоҳад, ки ҷои кории офаридаашро ба 20-то расонад.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ОМОДАГӢ БА АНҶУМАНИ САНЪАТИ МАҚОМ

Дар назар аст, ки 27-30 июни соли ҷорӣ дар ҳудуди истироҳатӣ-фароғатии «Зоминсой»-и ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах Анҷумани II байналмилалии санъати мақом баргузор гардид.

Ба ин анҷуман ҳанӯз соли 2017 Президент Ш. Мирзиёев асос гузоштааст. Ва соли 2018 бори аввал дар шаҳри Шаҳрисабз баргузор гардида буд.

Ин анҷуман бо ибтикори Вазорати фарҳанг, Кумитаи сайёҳӣ ва ҳокимияти вилояти Ҷиззах доир хоҳад гашт. Ҳоло барои хотирмон ва ҷолиб гузаронидани он омодагӣ мебинанд.

Аз ҷумла, тавре ба қарибӣ дар як нишасти матбуотӣ саркори Садорати фарҳанги вилоят Азамат Дархонов ба ходимони расонаҳои хабарӣ маълумот дода гуфт, ки дар ин анҷуман беш аз 70 кишвари дунё хоҳиши иштирок кардан намудаанд.

Дар маркази ноҳияи Зомин меҳмонхона, амфитеатр бунёд ёфтааст. Марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни мақом дар вилояти Ҷиззах ҳам як навъ омодагӣ ба ин фестивал мебошад. Аз 14 минтақа намояндагон, дастаҳои мақомхонӣ ширкат варзида, ҳунари мақомсароии худро сайқал медиҳанд. Онҳо консерти ниҳоиро дар театри вилоятӣ, воқеъ дар шаҳри Ҷиззах, баргузор менамоянд.

– Аллакай автобусҳои калону хурд барои меҳмонон омода аст, – гуфт Азамат Дархонов. – Дар доираи анҷуман конфронси илмӣ – амалӣ оид ба мақом низ баргузор хоҳем намуд, ки бо ин роҳ ба оламиён нозукиҳои ин ҳунари азалии мардумро муаррифӣ мекунем.

Дар чаҳорчӯби чорабинӣ мувофиқи барномаи «Макони сабз» «Хиёбони мақомчиён» барпо карда мешавад. Дар он меҳмонон ниҳол мешинанд, ки нишоне аз ин фестивали байналмилалӣ аст. Дар оянда боғе бунёд хоҳад гашт, ки аз ин анҷумани муҳим ёде меоварад.

Дар маркази ноҳияҳои Зомин, Зарбдор, Янгиобод, Шароф Рашидов ва шаҳри Ҷиззах аз ҷониби ҳунарпешагони маъруф, устодони мақом ва шашмақомсароёни номӣ консерти идона барпо мегардад.

Аз ҳозир ба нақша гирифта шудааст, ки озмуни беҳтарин навор, мақолаву гузориш ва аксҳо эълом гардад ва беҳтарин асарҳо подошу мукофот гиранд.

Албатта, саёҳати меҳмононро ба гӯшаҳои зебои Зомин, тамошои манзараҳои дилфиреби он созмон медиҳанд. Онҳо ҳамзамон аз иншоотҳои навбунёд, роҳҳои симтанобу кӯпруки овезон дидан хоҳанд кард.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

ХАБАРҲО

ТАРТИБИ НАВИ ҲУҶҶАТСУПОРӢ ВА ҚАБУЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ

Навъе Агентии баҳогузории дониш дар асоси такя ба фармони Президент аз 24 май маълум менамояд, барои ворид шудан ба муассисаҳои давлатии таълими олии Ӯзбекистон номнависсозии довталабон имсол барвақттар – аз 5 июн оғоз меёбад.

Имтиҳонот доир ба дохил шудан ба муассисаҳои таълими оливу касбӣ бошад, дар моҳҳои июл–август баргузор мегарданд.

Ҷараёни қабул ба бакалавриати муассисаҳои давлатии таълими олӣ дар ду давра ба амал бароварда мешавад.

Дар давраи аввал абитуриентҳо барои супоридани тест аз 5 июн то 25 июн аз рӯйихат мегузаранд. Дар давраи дувум, баъди ҷамъбасти пурраи санҷишҳо, довталабон дар давоми 15 рӯз муассисаи таълими олӣ, самти таълими бакалавриат ва шакли таълимро интихоб кардан мумкин.

НАҚШАИ «АСАКАБАНК» ДАР НИМАИ ДУВУМИ СОЛИ РАВОН

«Асакабанк» ният дорад дар соли 2024 барои дастгирии тиҷорат 2,1 миллиард доллар, «Бонки рушди тиҷорат» бошад, ба лоиҳаҳои сармоявӣ 1,5 миллиард доллар ҷудо намояд.

Дар ин бобат Хидмати матбуоти роҳбари давлат маълум намудааст. Ҷуз ин дар саноати дорусозӣ ва автомобил лоиҳаҳое ташаккул дода мешаванд, ки 3 миллиард доллар арзиш доранд. Ҳамчунин «Асакабанк» ба нақша гирифтааст барои таъмини фаъолияти соҳибкорӣ ташаббуси тиҷоратии 285 ҳазор нафар аҳолиро дастгирӣ намояд.

ПОЕЗДУ ВАГОНҲОИ НАВ БА МЕТРОПОЛИТЕНИ ТОШКАНД

Моҳи феврали соли равон ба парки вагонҳои метрополитени Тошканд 3-то, моҳи апрел боз 2-то поездҳои чаҳорвагондор оварда шуда буд. 29 май метрополитени пойтахт барилова 3 поезди чаҳорвагондорро қабул намуд, ки дар заводи «Метровагонмаш»-и Русия истеҳсол шудааст.

Поезду вагонҳои нав мувофиқи низом дар давоми 7–10 рӯз аз санҷиш гузаронда мешаванд. Навъе хидмати ахбори метрополитен маълум менамояд, ин поезду вагонҳо асосан дар самти «Роҳи ҳалқаи рӯйизаминӣ» ба ҳаракат дароварда мешаванд. Ин имкон медиҳад интервалҳо дар самтҳо боз кӯтоҳтар ва хидматрасонӣ хушсифаттар гардад.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Одатан, ҳар як мавзеъ ё қаламравро таърих ба туфайли фарзандони фарзонааш – шоирону олимон ва ҳунармандони асилу нобиғагони оламшумулаш мешиносад. Аз он ҷумла, Фарғонаи мо бо бузургоне мисли Аҳмад ал-Фарғонӣ, Бурҳониддин Марғелонӣ, Сайфи Фарғонӣ ва монанди инҳо вирди забони оламиён гардидааст.
Яке аз шоирони саршиноси асри XIII форс-тоҷик Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ мебошад.

САЙФИ ФАРҒОНӢ – ШОИРИ МАЪРУФИ ФОРС-ТОҶИК

Бояд тазаккур дод, ки нисбати дигар бузургони адабиётамон дар бораи рӯзгор ва осори Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ маълумоти ночизе боқӣ мондааст. Дар тазкираҳову таърихномаҳо ва китобҳои ба таърихи адабиёти форс-тоҷик бахшидаи олимони адабиётшинос маълумоти андак ва ё танҳо ишораҳое ба Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ омадаасту халос. Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ, ки бо тахаллуси Сайфи Фарғонӣ маъруфият дорад, дар нимаи аввали асри XIII дар сарзамини Фарғона таваллуд шудааст. Сайфи Фарғонӣ маълумоти ибтидоиашро дар зодгоҳи худ гирифтааст. Азбаски замони зиндагиаш ба давраи таърихии истилои муғулҳо ба Осиёи Миёна рост омада буд, дар водии Фарғона низ вазъи нооромии сиёсӣ ҳукмрон буд. Бинобар ин, Сайф ба Рум (Туркияи имрӯза) фирор карда, дар он ҷо паноҳ ҷустааст.

Он ҷо ӯ соҳиби донишу хирад ва обрӯву эътибори баланд гардида буд.

Аммо ӯ ба дарбор наздикӣ накардааст. Ҳамеша тарафдори халқи камбағал буд. Ашъораш ҳам дар васфу ҳимояи синфи поёни ҷомеа эҷод гардидаанд. Аз ин рӯ, дар байни авом эътибор ва эътирофи хосса дошт.

Дар Рум ба унвони «Шайх-ул-машоих» (Шайхи шайхҳо) мушарраф гардида буд. Маҳз ба шарофати хирад ва ҳунари волои шоирӣ ҳаводорони зиёдро дар атрофи худ ҷамъ карда тавонист. Ҳатто ноиби элхонон Муҳириддини Амиршоҳ низ яке аз ихлосмандони ӯ будааст.

Фарғонӣ дар ибтидои асри XIV дар Оқсаройи Туркия вафот кардааст.

Ҳарчанд муҳаққиқони гузаштаву имрӯза ба таҳқиқи эҷодиёти ин нобиға ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, то ба ҳол паҳлуҳои омӯхтаношудаи эҷодиёти ӯ ба назар мерасанд.

Яке аз нусхаҳои дастхати осори шоир дар китобхонаи Донишгоҳи Истанбул, нусхаи дигар дар китобхонаи Воҳидпошшои шаҳри Кутоҳия ва нусхаи сеюмаш дар Осорхонаи Тӯпқопусаройи Туркия маҳфузанд. Девони шоир дар Эрону Тоҷикистон низ ба нашр расидааст. Танҳо чанд намунаи ашъораш ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудаанд.

Ба наздикӣ 5 рубоии Фарғонӣ аз тарафи шоири зуллисонайни сӯхӣ, узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон Расулбеки Аҳмадзод аз тоҷикӣ ба ӯзбекӣ тарҷума карда шуд, ки ҳоло он рубоиҳоро бо ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ меорем:

Дар хонаи дил ишқи ту маҷмаъ дорад,
В-аз додани ҷон кори ту мақтаъ дорад.
Дар шеър тахаллус ба ту кардам, ки вуҷуд
Назмест, ки аз рӯйи ту матлаъ дорад.

Тарҷумааш:
Менинг кўнглимда бор ишқинг мажмаъси,
Менинг жон беришим — ишинг мақтаъси.
Тахаллусим сенсан, вужудинг — назмим,
Юзингдан ясалган шеърим матлаъси.

***

Эй ман ҳама бад кардаву дида зи ту нек,
Бад гуфта ҳама умру шунида зи ту нек.
Ҳадди бадиву ғояти некӣ ин аст,
К-аз ман ба ту бад, ба ман расида зи ту нек.
Тарҷумааш:
Ёмонлик гарчи қилдим,
яхшилик кўрдим сендан,
Яхши гапинг эшиттим,
гарчи юз бурдим сендан.
Ёмон ва яхшиликни ҳаддини билсам агар,
Мендан сенга ёмонлик,
яхшилик олдим сендан.

***

Бар кардаи хештан чу бигморам чашм,
Бар ҳам задан аз тарс намеёрам чашм.
Эй дидаи шўх, бин, ки ман чандин сол
Бад кардаму некӣ аз ту медорам чашм.
Тарҷумааш:
Қилган қилиғим агар қилинса сарҳисоб,
Қўрқиб кетаман, ки мен берарман не жавоб.
Кўргин мени, эй шўхкўзим, бир неча йил
Қилдим гунаҳу мен кутаман энди савоб.

***

Кардам ҳама умр он чӣ намебояд кард,
Аз кардаи ӯ ҳазар намешояд кард.
Имрӯз чунинаму надонам фардо
То бо мани бечора чӣ мебояд кард?!
Тарҷумааш:
Бутун умрим керакмас ишни қилдим,
Ушал ишни қилишни саҳл билдим.
Бугун шундай ману билмам, ки эртам,
Пушаймон еб, мани бечора сўлдим!

***

Эй нури ту омада ниқоби рухи ту,
Хуршед закоте зи нисоби рухи ту.
Ҳар дил, ки ҳавои ту бар ӯ соя фиканд,
Дар зарра бибинад офтоби рухи ту.
Тарҷумааш:
Сенинг нуринг юзингнангнинг ниқоби,
Офтоб – закот, юзингнанг бу нисоби.
Қалблар сенга ҳавас-ла боқар мудом,
Кўриб заррада юзингнинг офтоби.

Шукрона АҲМАДБЕКОВА,
муҳассили соли сеюми бахши тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона.

Ба муносибати 100-солагии нависанда Болта Ортиқов

АДИБИ НУКТАДОНУ ЗАҲМАТПИСАНД

Имрӯзҳо хешу пайвандон, шогирдону мухлисон 100-солагии фарзанди фарзонаи Самарқанд, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1960), инсони хоксору ҳалим, серталабу сахтгир, ҳамзамон меҳрубону дилсӯз Болта Ортиқовро ҷашн мегиранд. Ин марди заҳматкаш умри гиронмояи хешро барои густариши адабиёт ва тарбияи навқаламон бахшидааст.

Охири солҳои 66-уми садаи XX буд. Мо – се нафар ҳамсинфони қарину якдил, ки дар мактаби таълими умумии рақами 16-уми ноҳияи Самарқанд таҳсил мегирифтем, пас аз дарси тарбияи ҷисмонӣ вориди бинои мактаб мешудем, ки нигоҳам ба як нафар хонандаи синфи боло афтод. Ӯ дар харак нишаста, саргарми мутолиа буду лабонаш моили табассум.

Аз он ки адабиёти бадеиро дӯст медоштам, ҳисси кунҷковиам боло гирифту рост назди ӯ рафтам ва китобро зери каш кардаму бо таҳдид гуфтам:

– Китобро аввал ман мехонам, баъд ту. Агар китобро додан нахоҳӣ, ба худат азоб мешавад, – ҷониби ду дӯстам ишора кардам, ки аллакай остин барзада, мушт гиреҳ намуда буданд. Ӯ хомӯш, имдодталабона ба атроф чашм давонду тарафгиру ҳимоягареро наёфта, хоҳиш кард:

– Илтимос, фақат варақҷояш надарад, соҳиби китоб дигар кас.

– Пагоҳ, дар ҳамин ҷо ва дар ҳамин вақт мегирӣ, – ваъда додам. – Мо ба амонат хиёнат намекунем!

– Фаҳмо.

Китобе, ки он рӯз гирифтам, қиссаи «Гули садбарг»-и нависанда Болта Ортиқов буд, ки онро дар як шаб хонда, ба соҳибаш баргардондам.

– Муаллифи ин асар аз Самарқанд, – ба чор тарафи китоб зеҳн монда фаҳмонд ҷавон. – «Полвон» ном қисса дорад, ки боз ҳам ачибтар аст.

– Аз куҷо ёбам мешавад? – пурсидам.

– Аз дӯкони «Тоҷиккитоб»-и назди бозори Сиёб, – фаҳмонд вай ва илова кард:

– Дар он ҷо боз дигар китобҳо ҳаст.

Пас аз хатми мактаб майлу рағбат маро ба факултаи филологияи тоҷик оварад. Маҳз солҳои донишҷӯӣ дар қабулхонаи ҷамоатии рӯзномаи «Овози тоҷик» бо бисёр эҷодкорони самарқандӣ, аз ҷумла ба муаллифи қиссаи «Гули садбарг» Болта Ортиқов шинос шудам.

Қалами умедбахш

Устод Болта Ортиқов соли 1924 дар маҳаллаи Боғи майдони ноҳияи Самарқанд (ҳоло шаҳри Самарқанд) таваллуд шудааст. Қиблагоҳаш ба писари ягона Болта ном гузошт, ки устувор, қатъӣ ва буррозабон бошад. Инчунин, пайваста аз «Шоҳнома» қиссаҳои аҷибро нақл мекард, то фарзандаш далер, росткор, дилёб ва вафодор ба камол расад.

Болта Ортиқов дар мактаб таҳсил гирифта, гоҳ-гоҳ бо эҷод машғул мешуд, шеъру ҳикоя менавишт.

Замоне ки Болта Ортиқов ба майдони адабиёт қадам гузошт, халқи мо навакак аз бори гарони ҷанги хонумонсӯзи фашистӣ озод шуда, бо рӯҳбаландии бемисл тамоми соҳаҳоро аз нав барқарор менамуданд. Ӯ баробари саҳмгузорӣ дар бунёдкорӣ, гоҳ-гоҳ шеъру ҳикояҳо менавишт. Нахустин ҳикояи ӯ «Сӯхтор» ном дошт, ки бо таҳлилу таҳрири Пӯлод Толис дар маҷаллаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») интишор ёфт.

Серталабӣ, сахтгирӣ, аммо маслиҳатҳои дилсӯзонаи Пӯлод Толис буд, ки вай бо қадамҳои устувор ба олами адабиёт ворид гашт.

Прототипҳои қаҳрамонони асарҳои ӯ аксар ҳамсолу атрофиёнаш буданд ва дар меҳвари навиштаҳои адиб ғояҳои муҳаббат ба Ватан, меҳнатдӯстӣ, ҷавонмардӣ, аҳду вафо ва дигар гуна хислатҳои неки инсонӣ қарор доштанд.

Дар сурат: *(аз чап ба рост) Болта Ортиқов бо шогирдонаш Тошқул Алимзода, Абдукарим Ганизода ва Бахтиёри Ҷумъа.*

Болта Ортиқов баъди хатми факултаи забон ва адабиёти Омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқанд чанд муддат дар мактабҳои Тоҷикистон омӯзгорӣ кард ва баъд ба сифати мудири шӯъбаи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», сипас хабарнигори рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба бисёр гӯшаву канори Тоҷикистон ва дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна сафарҳои эҷодӣ карда, очерку мақолаҳои проблемавӣ ва асарҳои бадеӣ навишт.

Асосан барои бачаҳо менавишт, ки маҷмӯаҳои «Овози ҷавонон» (1954), «Ҷиянҳои қишлоқӣ» (1958), «Конфетҳо» (1962), «Духтарчаи нағз» (1965), «Себи орухур» (1966), «Мактуби сегӯша» (1971), «Ҳандалак» (1973), қиссаҳои машҳури «Таътил» (1959), «Полвон» (1964), «Гули садбарг» (1966), «Бачаҳои Лолазор» (1975), «Дурдонаҳои Зарафшон» (1980), «Доғи хун» (1982), «Дандони тилло» (1982), «Достони Самарқанд» (1985), «Ҳирси одам» (1985), «Киштзор» (1987) ва ғайра аз он ҷумлаанд. Асарҳои мунтахаби якҷилдаш солҳои 1976 ва 1984 ба табъ расидаанд.

Китобҳои «Таътил» («Каникулы», 1963) ва «Полвон» (Неугомонный Насыр», 1975)-аш ба забони русӣ ва дигар забонҳо тарҷума ва чоп шудаанд.

Қаҳрамони қиссаи тарҷумаиҳолии «Полвон» дар маркази чӯшу хурӯши ҳаёти мураккаби замони ҷанг тасвир шудааст. Полвон номи саги чӯпонӣ мебошад, ки посбони ҳушёри чорво буда, садоқатмандии ӯ бо маҳорати баланд тасвир гардидааст.

Адиб ба муҳит, рафтору амалиёти мардум аз назари қаҳрамони асосӣ – Носир менигарад, ки хонанда диди хоси бачагони солҳои ҷангро равшану возеҳ ҳис кардааст. Носир писараки мушоҳидакор, орзупарвар, табиатдӯст тасвир гардида, ҳатто ба хонандагони рус писанд омадааст ва китоби «Неугомонный Насыр» дар Маскав ду маротиба бо теъдоди 100 ҳазор нусха чоп шудааст.

Маҷмӯаи повесту ҳикояҳои ӯ бо номи «Достони Самарқанд» соли 1991 дар нашриёти «Адиб» рӯйи чопро дид.

Қиссаи «Анҷири Боғи баланд» ба эҷодҳаш Работи Гозиён бахшида шуд, ки нахуст дар рӯзномаи «Овози тоҷик», сипас дар Душанбе рӯи чопро дид. Дар нашриёти «Суғдиён» (Самарқанд) ба забони ӯзбекӣ нашр гардид, ки муҳаррир шодравон Ҷамол Сироҷиддинов буду мусаввираш раҳматӣ Даврон Сафозода. «Қисмати «Арки Амир Темур» низ ба ду забон интишор ёфта, зуд маҳбубият пайдо кард.

Дар арафаи 70-солагии нависанда Адаш Истад занг зада гилаомез гуфт, ки «Зоҳирҷон, шумо, ман, Маҳбуба Турсунова, Солеҳи Саид Мурод, Тошқул Азимзода, Мирсафо Камолӣ, Бахтиёри Ҷумъа, Ўктами Иброҳим, Озод Ҳамидзода ва дигарон ба Болта Ортиқов даъвои шогирдӣ дорем. Пас чаро шумо – муҳаррири бахши тоҷикии телевизиони Самарқанд бо соҳибчашн суҳбат ороста, пешкаши самарқандиён намекунед?»

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

Мактаби ба санъат ихтисосонидашуда

Дар мактаби ба санъат ихтисосонидашудаи Қӯқанди тобеи Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон бинои нави дорои 400 ҷой ба истифода супорида шуд. Бинои дуошёнаи пешина низ, баъди таҷдиду таъмир, ба худ қиёфаи замонавӣ гирифт. Айни ҳол хонандагон дар ин ҷо бино ба беш аз бист самт асрори ҳунар меомӯзанд.

– Дар мактаб барои хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин ҳолат барои мо омӯзгорон рағбатангез аст, – мегӯяд директори мактаби санъат Элнура Содиқова. – Комёбиҳои ҷамоаи омӯзгорон ва хонандагон мояи ифтихори мост. Хонандагони таълимгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ ширкат ҷуста, ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд.

Дар ҳоли ҳозир дар мактаб 439 нафар писарону духтарон таълим мегиранд.

***Дар акс**: дар мактаби ихтисосонидашудаи мазкур.*

Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).

ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАС

Духтари камгап аст Шукрона. Ҳар як суханашро дар мизони ақл баркашида, пас аз он ибрози андеша мекунад. Ӯро аз овони кӯдакиаш хуб мешиносам. То синни нафақа чанд сол сабақ ҳам додаам. Бешубҳа,кулли толибилмони ин синф ниҳоят фаъол, дар илмазхудкунӣ намуна ва рафтори намунавӣ доштанд. Дар чорабиниҳои мактабию берун аз мактаб ҳамеша сари сабад буданд.

Соли равон дар чанд чорабиниҳои мактаб иштирок доштам. Боре ҳам аз хатмкунандагони мактаб касеро дучор накардам. Аз ҷонишини директор оиди корҳои таълим Абдураҳмон Раҳимов сабабашро пурсидам.

– Соли равон хатмкунандагони мактабро бо хоҳиши худи толибилмон аз тадбирҳо озод намудаем. Онҳо бештари вақти худро ба омӯзиши фанҳои асосии ба донишгоҳ дохилшавӣ ҷудо кардаанд. Соли хониши равон низ хатмкунандагон тасмим гирифтаанд, ки 100 фоиз донишҷӯ шаванд.

Дар ҳақиқат, толибилмон вақти берун аз дарсии худро ба омӯзиши фанҳои асосӣ сарф менамудаанд. Ҳар яки онҳо худомӯзӣ доранд. Назди репетитор намераванд.Чизҳои таҳаммул накардаро аз омӯзгори фан мепурсанд. Шукрона хотираи қавӣ дорад.Чизи хондагӣ ва ё шунидаашро фаромӯш намекунад. Вақти кориам дар мактаб ба толибилмони ин синф эътимоду эътиқоди зиёд доштам.

Толеъи Шукрона Суярқулова афзалиятҳои худро дошт. Дар хона ба онҳо аз момои шодравонаш Амонгул Субҳонова (равонаш шод бод) ва бобояш Суярқул Ҳайдаров ҷевонҳои пур аз китоб ба мерос монд. Он ҷо китобҳои бадеии замони шӯравӣ ва мумтози тоҷик зиёд ғун омада. Ва китоби ҷевонҳо худ мактабест ҳар як шавқманди илму адаб-ро. Бешубҳа, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифату маънавияти Шукрона, саҳми китоб бештар аст.

Инак соли хониш ҳам охир мешавад. Ҷавонони саросари ҷумҳурӣ барои дохилшавӣ ба донишгоҳҳо омодагӣ мебинанд. Бо ташаббуси Агентии баҳогузорӣ ба илм ва малакаи назди Вазорати таълими олӣ, илм ва иноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои довталабони донишгоҳҳо имтиёзҳои зиёд ҷорӣ шудааст. Толибилм метавонад дар давоми таҳсил аз фанҳои асосӣ тест супорида, ба гирифтани сертификати Агентии мазкур ноил гардад. Ин ҷараён Шукрона Суярқуловаро низ дар канор нагузошт. Ӯ аз фанни таърих тест супорида, ба гирифтани сертификат ноил гардид. Шукрона аз супоридани тест аз фанни таърих озод гардид. Тасмим гирифтааст, аз забони англисӣ низ чунин сертификатро ба даст оварад.

Бояд таъкид намуд, ки ду ҳамсабақи Шукрона Озод Муҳаммадов ва Ҳусин Саидовҳо аз забони англисӣ ба гирифтани сертификатҳои агентӣ ноил гардидаанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

КУМАК БА ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ ВА НИЁЗМАНД ВУСЪАТ ПАЙДО МЕКУНАД

Барои дастгирии оилаҳои камбизоат ва ниёзманди ноҳияи Сӯх корҳои зиёд ба анҷом расонда мешаванд. Аъзои чунин оилаҳо аз хайру саховат ва кумакҳои моддӣ мунтазам бахраманд мегарданд. Инчунин, ба беморони вазнин барои барқарор кардани саломатиашон таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад.

Тавре ки раиси Хазинаи ҷамъиятии хайрияи «Маҳалла»-и ноҳия Расулҷон Мирсаидов гуфт, дар асоси қарори Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Сӯх, ки аз муроҷиати шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд маншаъ гирифтааст, вазъи иҷтимоию молиявии онҳо мавриди омӯзиш қарор мегирад ва дар ин самт ба идораи онҳо раисону фаъолони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия аз наздик мадад мерасонанд. Баъди натиҷагирӣ аз ҳисоби фонди «Саховат ва мадад» барои кумаки моддӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

– Бояд гуфт, маблағ ҷиҳати амалиёти ҷарроҳӣ ва харидани дорувори тиббии ба ашхоси бемор дар асоси шартнома ва мувофиқи тартиби муқаррашуда ба вуқӯъ мепайвандад, – изҳор намуд Р.Мирсаидов

– Барои муолиҷаи сокини кӯчаи Офтобрӯи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Навобод Муборак Наҷмиддинова кумаки моддӣ расонида шуд. Инчунин, муроҷиатҳои сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сӯх» Маъмурҷон Ҳасанов, сокини кӯчаи Бунёдкори ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қизилқиёқ Назира Маҳмудова, сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қақир Гулноза Давлатова дар мавриди таъмири манзил, харидани сару либоси мактабӣ ба фарзандонашон ва таъмини маводи хӯрокворӣ баррасӣ гардиданд ва онҳо бевосита аз ҳисоби маблағҳои Хазинаи «Саховат ва мадад» баҳраманд шуданд. Аз ҷумла, ба Маъмурҷон Маҳмудов барои таъмири манзилаш 5 миллион сӯм кумаки моддӣ расонида шуд, – изҳор кард Расулҷон Мирсаидов.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

Дар толори Донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» оид ба рӯнамоии филми таърихӣ-бадеии «Баҳодур Ялангтӯш», ки ба ҳаёт ва фаъолияти саркардаи бузург, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бунёдкори мадрасаҳои Тиллокорӣ ва Шердори Регистон Баҳодур Ялангтӯш бахшида шудааст, нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

ФИЛМ ДАР БОРАИ БАҲОДУР ЯЛАНГТӮШ

— Фурсате расидааст, ки фарзандони мо на ба тақлиди қаҳрамонҳои филмҳои Ғарб, балки ба тақлиди қаҳрамонҳои филмҳои миллиамон ба воя расанд, — гуфт Ҳунарпешаи хидматнишондодаи Ӯзбекистон Матёқуб Матҷонов.

Таъкид гардид, ки филми бадеии таърихӣ дар тӯли ду сол наворбардорӣ шуда, барои он 31,5 миллиард сӯм маблағ сарф шудааст ва аз ин 10 миллиард сӯм аз ҳисоби ҳокимияти вилоят пардохт гардидааст.

Сипас, дар амфитеатри «Мӯъҷиза» нахустнамоиши филм гузаронида шуд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар нигористон

СОҲИБИ МӮЙҚАЛАМИ СЕҲРАНГЕЗ

Тавре ки хабар дода будем, аз 27 май дар хонаи фотосуратҳои шаҳри Тошканд намоиши расмҳои дар солҳои охир офаридаи Зебинисо Шарифова рӯйи кор омад, ки имрӯз рӯзи охирини он мебошад. Намоишгоҳ бо ҳамкории сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, Иттифоқи эҷодии рассомони Ӯзбекистон ва Академияи рассомони кишварамон ба вуқӯъ пайваст.

Зебинисо Шарифова аз зумраи рассомҳое мебошад, ки килкашро «ором намебахшад« ва ин боиси он мегардад, ки мухлисон зуд-зуд аз қаламиҳои нави ӯ баҳрабардорӣ кунанд. Дар намоишгоҳ расмҳои дар жанри портрет ва асосан ба мавзӯи тасаввуфи ирфонӣ бахшидашудаи муаллиф ҷойгузин шудааст.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар кишвари мо Абдуҷаббор Раҳмонзода, ки дар маросими кушодашавии намоишгоҳ иштирок кард, доир ба дӯстии ду халқи бародар – тоҷику ӯзбек, саъю кӯшиши сарварони ҳар ду мамлакат дар мустаҳкамсозии дӯстиву рафоқати мардуми ин ду кишвар, ба имзо расидани созишномаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ дар байни ҳар ду мамлакат суханронӣ кард.

— Зебинисо рассоми беназир аст. Ӯ бо офаридаҳои бебаҳои худ дар байни бонувони эҷодкори ин соҳа ҷойгаҳи алоҳида дорад, — гуфт сафир. – Ӯ натанҳо рассоми хуб, пайваста сермутолиа низ мебошад. Асарҳои ба маърази тамошо гузоштаи З. Шарифова бардоштаҳои ӯ аз эҷодиёти орифонаи Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Алишери Навоӣ, Бобораҳим Машраб мебошад. Ин суратҳо ба ман офаридаҳои Камолиддини Беҳзоди бузургворро ба хотир оварда, ки ҳанӯз дар асри XV дар ин сабк эҷод карда буд.

Дарҳақиқат, «Водии талаб», «Пир», «Нигоҳ», «Водии фано», «Водии ҳайрат», «Девона», «Бархезии дарвеш», »Шикор», «Шайх Санъон ва маъшуқаи насронӣ», «Майи илоҳӣ», «Таҷаллӣ» ном расмҳо, ки аксаран солҳои охир офарида шудаанд, доираи фикрронии мухлисонро васеъ гардонда, онҳоро бо асрори қазову қадар ошно месозад.

— Расмшинос нестам, аммо тамошои портрету пейзажро дӯст медорам, хусусан қаламиҳои Зебинисо ба олами рӯҳонии ман наздик аст, — гуфт Зулола Ҳасанова ном мухлиси З. Шарифова, ки ба намоишгоҳ аз шаҳри Самарқанд омадааст, – ба фикрам, расмҳое, ки имрӯз ба маърази тамошо гузошта шудаанд, эҳсосоти ботинии рассомро инъикос намудааст.

Бояд тазаккур намуд, ки Зебинисо дар оилаи зиёиён ба воя расидааст. Ба хусус, модаркалони ӯ, ки сӯзанидӯзи моҳир буд, бо хоҳиши занони деҳа ба матоъҳои онҳо нақшу нигорҳои гулу гулзор, себу анор ва ҳайвонотро мекашид, ки Зебинисои кунҷков бо диққат ин ҷараёнро меомӯхт. Аз ин ҷиҳат гуфтан мумкин аст, ки истеъдоди рассом ҳам худодод ва ҳам натиҷаи кӯшишҳои худи ӯст.

Барандаи медали «Шӯҳрат» ва нишони сарисинагии нуқрагини Академияи бадеии Ӯзбекистон Зебинисо Шарифова дар Маскаву Олмону Фаронса намоиши инфиродии худро баргузор намудааст.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Суратгир: Т. ХОВАРӢ.

АДИБИ НУКТАДОНУ ЗАҲМАТПИСАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ин сухани Адаш Истад моро такон бахшиду рӯзи дигар наворбардор меҳмони хонадони Болта Ортиқов шудем. Гарчанд синни ӯ ба 70 наздик буд, намуди зоҳириаш ба паҳлавонони сангбардор шабоҳат дошта, бо қадамҳои устувор, бозуҳои дамида, синаи фарох ба пешвозамон баромад. Наворбардор Андрей пичирросзанон аз ман пурсид, ки қаҳрамони мо варзишгар аст ё соҳиби касби дигар?

Ман пурсиши ӯро ба Болта Ортиқов тарҷума кардам.

– О, додар, аз қаламзанӣ не, каландзанӣ, соҳиби чунин ҷисму тан ҳастам, – бо завқ даст ба боло бардошт мусоҳиби мо.

Баъд бо дархости Андрей устодро ба каландзанӣ, қайчӣ кардани гулбуттаҳо, ҳамчун гузоштан ба дарахти анҷир ва дигар корҳои хоҷагии қишлоқ «маҷбур» кардем, ки тасвир боварибахш барояд.

Он рӯз сӯҳбати мо хеле тӯл кашид. Аз таҷрибаи тележурналистӣ борҳо шоҳид шуда будам, ки ҳангоми мусоҳиба аксарият баробари дидани микрофон ва дастгоҳи наворгирӣ даступо хӯрда, ҳатто аз ҳаяҷон гапашонро гум мекунанд. Бо Болта Ортиқов чунин ҳолат рух дод, аз ин рӯ, суҳбати мо ба охир нарасида, қуввати аккумулятори дастгоҳи наворбардорӣ тамом шуд. Ва баъди қатъ гардидани наворгирӣ устод озод ба ҳарф задан пардохтанд.

Баъди чанд рӯз мусоҳиба пахш гардид ва рӯзе дар қабулхонаи ҷамоатии «Овози тоҷик» дида ба дидор расид.

– Рафиқ Ҳасанзода, – устод бо ҳисси шодмонӣ маро самимона ба оғӯш кашиданд, – ман муаллифи беш аз сӣ китоб ҳастам, вале рости гап, баъди барномаи телевизионӣ чунон машҳур шудам, ки ҳатто дар маҳалла аз ҳафтсола то ҳафтодсола ба ҷойи салом мегӯянд, ки дирӯз шуморо тавассути «оинаи нилгун» дидем. Фаҳмидем, ки шумо китоб менависед, нависанда ҳастед.

– Устод, мо ҳамеша дар хизмати шумо, – гуфтам ва ваъда додам, ки боз ягон рӯзи дигар рафта, барномаи навбатиро омода мекунем.

– Не-не,– бо аломати инкор сар ҷунбонданд устод, – баъд аз дасти мардуми кунҷкову ҳангоматалаб ҷойи гурез намеёбем... Беҳтараш, дар 80 солагӣ боз меҳмони телевизиони Самарқанд мешавем.

Афсӯс, ки умр вафо накард ва устод дар 76-солагӣ чашм аз олами ҳастӣ пӯшиданд.

Баъди вафоти устод низ гоҳ-гоҳ меҳмони хонадонашон мешудем. Раҳматӣ ҳамсарашон Мубарро Қодирова зани кушодачеҳра ва меҳмоннавоз буданд, ки ҳатман то эҷодхонаи устод роҳбалад гардида, дар як дам дасторхон меоростанд ва зуд таоми хушхӯр – палав пухта назди шогирдон мегузоштанд. Писари устод Алишер низ вориси арзандаи волидон аст, ки анъанаҳои гузаштагонро пос медорад.

Тирамоҳрӯя як-ду бонка мураббои анҷир оварда мегуфт, ки «ин насиҳату васияти модари муқаддасам аст, гиред, хӯред, дуои хайр кунед».

Чанде пеш Алишер занг зад ва баъди ҳолпурсӣ сари мақсад омад:

– Якуми июн зодрӯзи қиблагоҳам. Ба ҳамин муносибат мехоҳам ёру дӯстон, хешу пайвандон ва шогирдони падарамро даъват намуда, рӯҳи қиблагоҳро шод кунам.

Чун дидам, Алишер одами баандеша, баодоб, сипосгузор, ботинан ва зоҳиран чун падараш шахси дорои маданияти баланд, поктинат ва нексиришт асту барои шод гардидани рӯҳи поки қиблагоҳ мекӯшад, мамнун шудам ва хотироти хешро ниҳоят мухтасар навиштам.

Умед аст, дар ҷашни зодрӯз дар атрофи як пиёла чой суҳбати дилнишину гуворо доир ба устод Болта Ортиқов ҷараён гирифта, хидматҳои шоёни ӯ барои адабиёт бори дигар қайд хоҳад шуд.

– Камина аз солҳои донишҷӯӣ бо устод Болта Ортиқов риштаи дӯстӣ баста, суҳбатҳои тӯлонӣ, дилнишин ва гуворо доштем, – гуфт адиби номдор Адаш Истад, – ҳар як навиштаи шогирдонро бо диққат хонда барои беҳдошти он маслиҳатҳои муфид медоданд. Дар қиссаи «Гули садбарг» нависанда як ҷавони шӯху бебок ва эркаи очаро, ки раҳгум зада, ба ҷиноятқорон шарик мешавад, ба тадқиқ гирифтааст ва ӯ бо кӯмаки одамони нексиришт ба шахси ҳалиму меҳрубон, меҳнаткаш табдил медиҳад. Шояд аз ҳамин сабаб повест диққату эътибори адибону мунаққидонро ба худ кашид. Ба ғайр аз соддагӣ, равон, оммафаҳм будани забон, муайян будани характеристикаи қаҳрамонҳо, мустаҳкам будани риштаи сужет, самимӣ шудани таҳрир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллим ба худ ва эҷодиёт бо нуқтаи назари танқид менигаристанд ва такрор ба такрор рӯнавис кардан дилгир намешуданд. Ана барои чӣ образҳои қаҳрамонҳои асосӣ – Амон, Шарифча, чойхоначӣ Ҳасанамак, Латофат ва ғайра табиӣ баромадаанд.

Бале, муҳити адабии Самарқанд, адабиёти тоҷикро, бе номи устод Болта Ортиқов тасаввур кардан мумкин нест.

– Он солҳо дар мактаби зодгоҳ муаллима будам, – хотироти худро нақл кард нависанда Маҳбуба Турсунова. – Дар хона будам, ки нобаҳангом талабае омада хабар дод, ки ду нафар «комиссия» омадаасту зуд ба мактаб рафтанам лозим будааст. Саросема ба утоқи кории сарвари мактаб ворид шавам, Болта Ортиқов ва дӯсти наздикашон Фазлиддин Муҳаммадиев чой нӯшида менишастанд.

– Мо ба ҷустуҷӯи шумо омадем, – якбора ба мақсад гузаштанд Болта Ортиқов. – Фазлиддин хостанд тавассути навиштаҳоятон не, бо шумо рӯ ба рӯ шинос шаванд.

Албатта, дар назди ду нафар адиби тоҷик нишастан ва чизе гуфтан ҳаяҷонбахш буд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

«ИНТИЗОРӢ»

Дар Хонаи фотографҳои Тошканд намоиши асарҳои як нафар ҳайкалтарош ва 18 нафар рассомон, ки аз ҷиҳати услуб, мавзӯъ ва мазмун мухталифанд, кушода шуд.

Назар ба гуфтаи роҳбари намоишгоҳ, санъатшиноси ҷавон Манушак Арушаков санъати истеъдодҳои ҷавонро ба тамошобин нишон додан ва завқу шавқи онҳоро ба ин намуди санъат ҷалб намудан мақсади асосии ин чорабинӣ мебошад. Асарҳои тақдимшуда инсониятро ба бузургӣ, эҳсоси олами нотакрор, сурату сирати инсон, зебоӣ, меҳру оқибат, қадр намудани табиати нотакрор даъват менамояд.

Дар экспозитсия «Мавҷҳои баҳр», «Сукунат», «Муҳаббат», «Адолат», «Интизорӣ», «Дар кӯчаҳои қишлоқ», «Дар сари танӯр» барин асарҳои рассомон ҷой дорад. Инчунин, тамошобин метавонад бо асарҳои эҷодкори тоҷикистонӣ Баҳром Исматов таҳти номҳои «Мевафурӯш», «Роҳ», «Оҳанги кӯҳсор», «Лаззати танҳоӣ», «Навои дил» ва ғайра ошно гардад.

Соҳибони касбҳои гуногун, рассомон, санъатшиносон, ки ба дидани намоишгоҳ омада буданд, фикру мулоҳизаҳои худро доир ба ин намуди санъат баён намуданд.

Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.

Варзиш

МАКТАБИ МАҲОРАТИ ЗАВРАҚРОНӢ

Дар ҳавзи қаиқронии Самарқанд Ҷоми ҷаҳон оид ба триатлон ва паратриатлон ба поён расид.

Таъкид шуд, ки бесабаб Самарқанд барои гузаронидани чунин мусобиқаи пуршукӯҳ интихоб нашудааст, зеро чунин ҳавзаи дилнишину айни муддао дар Олмон, Русия ва Самарқанд арзи вуҷуд дораду халос.

Ҳавзи мазкур соли 1981 бунёд гардид ва пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ҳавзи шиноварӣ ба ҳоли худ гузошта шуда буд. Соли 2012 мутахассисони олмонӣ омада, дастгоҳҳои замонавӣ бунёд карданд.

Ба муносибати дар Самарқанд баргузор намудани анҷумани бошукӯҳи байналхалқӣ дар атрофи ҳавз биноҳои баландошёнаи муҳташами Конгресс-холл, меҳмонхонаҳо, маҷмӯи «Шаҳри абадӣ» қад афрохта, диққату эътиборро ба худ кашид, ки дар ин кори неку хайр хидмати шоистаи сарвари давлатамон калон аст.

Аз ҳама муҳимаш дар он аст, ки дар ҳавз дастаи яккачини мунтахаби мактаби маҳорати махсуси захираҳои олимпии наврасони Самарқанд дарсҳои амалӣ мегузаранд. Қариб 25 нафар мураббиёни баландихтисос асрори заврақрониро ба шогирдон омӯзонда, комёбиҳои нав ба навро ба даст оварда истодаанд. Танҳо дар чемпионатҳои Осиё ва дигар мусобиқаҳои байналхалқӣ варзишгарони Самарқанд ба 118 медал соҳиб шудаанд, ки 40-тои он медали тилло мебошад.

– Имрӯзҳо дар мактаби мо 122 нафар варзишгарон қаиқронӣ карда, 83 нафари онҳо аъзои дастаи яккачини Ӯзбекистон ҳастанд,– иброз дошт сарвари он Худоёр Аҳмадов. – Собирҷон Сафаралиев, Зафарҷон Усмонов, Шероз Ҳакимов, Отамурод Раҳимов шарафи Ӯзбекистонро дар олимпиадаи Париж ҳимоят мекунанд, ки барои мактаби мо шарафи бузург аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

РОҲБАРОНИ НОҲИЯ ДАР ТЕАТР

Ба қарибӣ ҷамоаи театри назди Маркази фарҳанги ноҳияи Қаравулбозор «Саҳро гавҳари» намоиши мазҳакавии «Шоҳ ва салтанат»-и Ҷонибек Носировро ба саҳна гузошт.

Дар асари саҳнавӣ масъалаҳои долузарби рӯзгори имрӯза аз қабили садоқат ва бадӣ, оқибатҳои манфии шабакаҳои иҷтимоӣ ҳаҷв карда шудааст.

Ҳокими ноҳия Акмал Остонов бо роҳбарони секторҳо, сарварони корхонаю ташкилотҳои ноҳия ба театр рафта, намоишро тамошо карданд.

Воқеан, Сарвари давлат 22-юми декабри соли гузашта, дар ҷамъомади васеи Шӯрои маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ба театр рафтани роҳбаронро ба мақсад мувофиқ гуфта буд.

ОЗМУНИ «ФОЛКЛОРИ БАЧАГОНА»

Марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Фолклори бачагона», ки аз ҷониби мактаби бачагонаи «Баркамол авлод»-и назди Вазорати таълими томактабию мактабӣ бори аввал баргузор гардид, поён ёфт.

Дар давоми чорабинӣ аъзоёни маҳфил маҳорати худро оид ба савту сурудҳои фолклорӣ-этнографӣ, мақому бахшигӣ, лапарҳои халқӣ намоиш доданд. Бинобар ҷамъбасти озмун ҷойи якум ба шогирдони бухороию хоразмӣ насиб кард.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ВАРЗИШ ОММАВӢ МЕГАРДАД

Дар мактаби варзишии ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба наврасон бино ба 23 навъи варзиш, мисли гимнастикаи бадеӣ, баскетбол, бокс, гандбол, дзюдо, атлетикаи сабук, тенниси рӯйи миз, таэквандо (WTF), гӯштини озод, футбол, бадминтон, волейбол, регби таълим дода мешавад.

Дар ин даргоҳ 2 ҳазору 120 нафар духтарону писарон бо варзиш сарукор доранд.

Се филиал ва 4 толори пӯшидаи замонавии мактаби варзиш бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Ҳамчунин ба мақсади ҷалб намудани ҷавонони дурдаст ба варзиш дар ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандии шаҳраки «Қароқалпоқистон» (320 километр дур аз маркази ноҳия) ва ҷамоаи шаҳрванди «Жаслиқ» фаъолияти толорҳои варзишӣ ба роҳ монда шудааст.

Ин аст, ки дастпарварони мактаб дар озмунҳои бонуфуз ширкат ҷуста аз сафи ғолибон ва ҷоизадорон ҷой гирифта истодаанд.

Дар акс: *дар мактаби варзишии мазкур.*

Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).

Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»

РӮЗНОМАЕ, КИ САД СОЛ БОЗ ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ АСТ

Давраи мактабхонии мо ба охири солҳои 40-ум ва аввали солҳои 50-уми қарни гузашта рост меояд. Дар он замон аксарият танҳо дар ғами ҷони худу фарзандонашон буданд. Ҳарчанд ҷанги хонумонсӯзи зидди фашизми Олмон кайҳо ба охир расида буд, вале ҳанӯз аз оқибатҳои нигувори он мардум дар азоб ба сар мебурданд. Дар бисёр оилаҳо нони дурусти серӣ пайдо намешуд ва барои таъмини рӯзгор одамон маҷбур буданд, ки шабу рӯз меҳнат кунанд.

Хаткашон ба мактаби мо низ рӯзномаҳо оварда медод. Дар байни рӯзномаҳо «Ӯзбекистони сурх» ном рӯзнома ба дасти мо мерасид ва матолиби саҳифаҳои онро бо шавқу завқи том мехондем. Ин рӯзнома манбаи ягонае маҳсуб меёфт, ки дар саҳифаҳои худ намунаи шеърҳои шоирони ҳамон давраро мунташир мекард ва мо онҳоро аз ёд мекардем. Инчунин вақтҳои холиамонро ба қироати китобҳои бадеӣ, ки теъдоди он хеле кам буд, сарф менамудем.

Бинои мактабе, ки мо даҳ сол таҳсил кардаем, ҳоло вуҷуд надорад. Давлат дар ҷои дигар чанд бинои нави замонавиеро сохтааст, ки дар синфхонаҳои барҳавову озодаи он фарзандони мардум таҳсил мегиранд. Даҳлези васеъ ва дароз, толори ҷамъомадҳо ва варзиш, бо кабинетҳои бо технологияи муосир, мисли кинопроектору компутерҳо муҷаҳҳаз дар ихтиёри ин фарзандони хушбахт қарор доранд.

Аммо давраи зиндагӣ ва таҳсили замони моро бо ин замон муқоиса карда намешавад. Дақиқтараш, онро ба ёд оварӣ, тавре байни мардум мегӯянд, «дилат ба тахтапушт рафта мерасад». Гуфтаниам, ки дар ҳамон давраҳои мушкил мо китобу рӯзнома мехондем, дарс тайёр мекардем ва кору бори хонаро низ анҷом медодем. Гузашта аз ин, ба саҳро баромада, ба калонсолон ёрӣ мерасонидем: гандум медаравидем, онро дарза мебастем, ҷӯй мекандем, хишова мекардем, чорво мечаронидем, ҳатто аз заминҳои гандумаш даравидашуда сараки гандум чида, ба хона меовардем. Аз он модарамон ба мо хӯрок мепухт, ки номашро далида мегуфтанд.

Ман баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳоямро ба Институти политехникии Тоҷикистон супурда, ба курси якум қабул шудам. Аммо баъди оғози таҳсил шароит маро маҷбур кард, ки тарки хондан кунам ва ба кор даромадам. Чунки аз хона падару модарам наметавонистанд, ба ман пул фиристанду ман таҳсилро давом диҳам. Баъд ба манзури он ки дар оянда соҳиби ягон касбу кор шавам, ба кор даромадам, то ки андак маблағ ҳар як навиштаи шогирдонро бо диққат хонда барои беҳдошти он маслиҳатҳои муфид медоданд. Дар қиссаи «Гули садбарг» нависанда як ҷавони шӯху бебок ва эркаи очаро, ки раҳгум зада, ба ҷиноятқорон шарик мешавад, ба тадқиқ гирифтааст ва ӯ бо кӯмаки одамони нексиришт ба шахси ҳалиму меҳрубон, меҳнаткаш табдил медиҳад. Шояд аз ҳамин сабаб повест диққату эътибори адибону мунаққидонро ба худ кашид. Ба ғайр аз соддагӣ, равон, оммафаҳм будани забон, муайян будани характеристикаи қаҳрамонҳо, мустаҳкам будани риштаи сужет, самимӣ шудани таҳрир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллим ба худ ва эҷодиёт бо нуқтаи назари танқид менигаристанд ва такрор ба такрор рӯнавис кардан дилгир намешуданд. Ана барои чӣ образҳои қаҳрамонҳои асосӣ – Амон, Шарифча, чойхоначӣ Ҳасанамак, Латофат ва ғайра табиӣ баромадаанд.

Бале, муҳити адабии Самарқанд, адабиёти тоҷикро, бе номи устод Болта Ортиқов тасаввур кардан мумкин нест.

– Он солҳо дар мактаби зодгоҳ муаллима будам, – хотироти худро нақл кард нависанда Маҳбуба Турсунова. – Дар хона будам, ки нобаҳангом талабае омада хабар дод, ки ду нафар «комиссия» омадаасту зуд ба мактаб рафтанам лозим будааст. Саросема ба утоқи кории сарвари мактаб ворид шавам, Болта Ортиқов ва дӯсти наздикашон Фазлиддин Муҳаммадиев чой нӯшида менишастанд.

– Мо ба ҷустуҷӯи шумо омадем, – якбора ба мақсад гузаштанд Болта Ортиқов. – Фазлиддин хостанд тавассути навиштаҳоятон не, бо шумо рӯ ба рӯ шинос шаванд.

Албатта, дар назди ду нафар адиби тоҷик нишастан ва чизе гуфтан ҳаяҷонбахш буд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 4220. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.